# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)

Маълум аст, ки дар илми забоншиносӣ то ҳол баъзе муаммоҳо ба назар мерасанд, ки ҳаллу фасл ва тадқиқи чунин печидагиҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Масалан, ба ивази якдигар истифода шудани ҳиссаҳои номустақили нутқ, ки ҳам дар осори классикон ва ҳам муосирон ба назар мерасад, дар назари хонанда хеле ҷолиб менамояд. Мутаассифона, то ҳол ба ошкор кардани чунин омилҳои унсурҳои ёридиҳанда аз ҷониби забоншиносон таваҷҷуҳи махсус зоҳир нашудааст. Аз ин рӯ, рисолаи мавриди тақриз маҳз ба чунин муаммо бахшида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир шудааст, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир ба таври ҷиддӣ мавриди тадқиқи ҳаматарафа қарор гирифтааст. Маҳз аз чунин дидгоҳ, диссертатсияи мазкур кӯшиши аввалин дар шинохти ҳамвазифагии ҳиссаҳои номустақили нутқ буда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Ҳадафи пажуҳиш, пеш аз ҳама, ба он нигаронида шудааст, ки Курғанов З.Д. дар ин рисолаи илмиаш кӯшиш намудааст, то сабабҳои тағйири шакл кардани бархе аз ҳиссаҳои номустақили нутқ, тадриҷан аз маънои аслӣ дур рафтани баъзе аз унсурҳои ёвар, аз лиҳози доираи корбурд ҳамгунун ҳамсон набудани онҳо, сабабҳои ҳамвазифагии онҳо ва ғ.-ро исбот намояд. Мушоҳидаи таҳлили мисолҳои диссертант шаҳодатгари он аст, ки ӯ дар кашфи чунин масъалаҳо муваффақ шудааст.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он аз 343 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Диссертант дар **муқаддимаи** рисолааш доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсади таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ ва ғ. маълумот додааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ»** ном дошта, Курғанов З.Д. ба таҳқиқу тавсифи рисолаҳои илмӣ, монграфияҳо ва мақолаҳои гуногун, ки ба мавзуи илмии ӯ дахл доранд, таҳлил кардааст. Дар фаслҳои ин боб бештар ба асарҳои Неменева Р., Тоҷиев Д., Маъсумӣ Н., Шарифов Б., Халилов А. ва дигарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна»** унвон дошта, диссертант аз хусуси ҳиссаҳои номустақили нутқ, ки то имрӯз ба туфайли омилҳои айниву зеҳнӣ дучори таҳаввулот гаштаанд, ахбори тозаеро ироа мекунад.

Унвони **боби сеюми** диссертатсия **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** буда, меҳвари ин бобро таҳқиқи ба вазифаи якдигар омадани пешояндҳои аслии сода дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир, ба вазифаи ҳиссаҳои дигари нутқ омадани онҳо ташкил додааст.

**Боби чоруми** диссертатсия **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** буда, диссертант кӯшиш намудааст, ки корбурди пайвандакҳо ба вазифаи якдигар, инчунин истифодаи онҳоро ба вазифаи ҳиссаҳои номустақили нутқи дигар ошкор созад.

Номи **боби панҷуми** диссертатсия **«Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** мебошад. Дар ин боб Курғанов З.Д. доир ба масъалаҳои ҳазфи унсурҳои ёвар, ташаккули онҳо бо роҳи соматизмҳо, қолабҳои пешояндиву пасояндӣ,

муносибати унсурҳои ёвар бо гӯйишҳо маълумоти муфассали илмиро манзур кардааст.

**Хулосаҳои** бардоштаи муаллиф дар 29 банд маҷмуа шудаанд, ки аз диди фарох ва қобилияти баланди илмии диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Ниҳоят, кори диссертатсионии «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир», ки аз ҷониби Курғанов Зохид Дехканович омода шудааст, пеш аз ҳама, барои ошкор кардани муаммоҳои унсурҳои ёвари сервазифа, морфологияи таърихӣ, ҳамвазифа шудани унсурҳои ёвар ва ғ. арзишманд аст.

Маводи диссертатсия метавонад барои таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ ва докторӣ, инчунин, таълифи фарҳангҳои тафсириву морфологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фанҳои морфология ва синтаксис дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода шавад.

Диссертант аз рӯйи мавзуи илмиаш 34 мақола навиштааст, ки 17-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва 17 мақола дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр шудаанд. Бояд гуфт, ки мақолаҳои мазкур мавзуъ, мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос намудаанд.

Мутолиаву мушоҳидаи автореферати диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ барои навиштани он чандин сол заҳмат кашида, ниҳоят ба мақсади худ расидааст. Ҳамчунин диссертант ба як масъалаи то ҳол ҳалношудаи забони тоҷикӣ – унсурҳои ёвари сервазифа, таваҷҷуҳ карда, дар ҳалли он муваффақ гаштааст. Хулосаву натиҷагирӣ ва муҳокимаҳои диссертант ҷолиби диққат мебошанд. Дар баробари ин, баъзе нуқсонҳо дар автореферати диссертатсия ба назар расиданд, ки ислоҳи минбаъдаи он барои боз ҳам боло гардидани ҳусни рисола мусоидат хоҳад кард:

1. Дар с. 28-уми фишурда мисолҳо андак зиёдтар таҳлил шудаанд.

2. Автореферат аз баъзе ғалатҳои китобат орӣ нест (с.28, 37).

Лозим ба ёдоварист, ки чунин нуқсонҳо хеле ночиз буда, ислоҳшавандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферафро намекоҳонанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» пажуҳиши арзишманди саривақтӣ дар илми забоншиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, муҳтавои илмии он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Вобаста ба афзалиятҳои зикршуда муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор ва арзанда мебошад.

**Муқарриз**:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
забоншиносии Донишгоҳи
давлатии Фарғона **Муминов Сидикжон Мирсобирович**

«Имзои профессор **Муминов Сидикжон Мирсобирович**ро тасдиқ мекунам».

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Фарғона А. Жумабоев

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 150100, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Фарғона, кӯчаи Марғинонӣ, 109,
Факултаи филологии
Донишгоҳи давлатии Фарғона
Почтаи электронӣ: siddiqjon.mominov@bk.ru
Тел.: (+998) 90 406 27 29

**«26» апрели соли 2024.**

IMZOSINI TASDIQLAYMAN
FarDU
KADRLAR BO'LIMI BOSHLIG'I
"26" 04 2024 y.